# Баргузории машғулияти идоравӣ дар мавзӯи «Амалӣ намудани методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолиятӣ (хавфҳои коррупсионӣ)»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 9 Апрел, 2021 - 15:09

**Маълумотнома оид ба баргузории вохӯрии машваратӣ бо кормандони Кумита**

Дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии машваратӣ доир ба мавзӯъҳои амалӣ намудани методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” баргузор гардид, ки дар он раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода,

муовини раиси Кумита С. Раҳматуллозода, ҳайати кормандони Кумита ва муовини сардори Раёсати таҳлили ҳифзи коррупсия ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионии Сарраёсати муқовимат бо коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулманнонзода Абдулмумин иштирок намуданд.

Дар вохӯрӣ раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода оид ба амалӣ намудани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия”, маҳфум ва моҳияти он ба иштирокдорон маълумоти мухтасар пешниҳод намуданд.

Баъдан, муовини сардори Раёсати таҳлили ҳифзи коррупсия ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионии Сарраёсати муқовимат бо коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулманнонзода Абдулмумин ҷиҳати риояи ҳатмии амалӣ намудани методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) шарҳи моддаи 22-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” доир ба мамониат барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда фикру андешаҳояшро ба ҳозирин баён кард.

Дар анҷоми машварат ба саволҳои кормандони Кумита намояндаи Агентӣ ҷавобҳои мушаххас дод.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]

**Манбаъ::**http://istilohot.tj/tg/content/barguzorii-mashguliyati-idoravi-dar-mavzui-amali-namudani-metodologiyai-tartib-va-metodikai?mini=2025-05

**Пайвандҳо**
[1] http://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [2] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/2_6.jpg [3] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1_7.jpg [4] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/3_7.jpg